USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ФОНДИ ОГОХОН

# Орзуи Далерҷон



Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи
Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад.
Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо
нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Рӯзе Бобо-Сафар дар кӯча сагчаи сафедаку хурдакакеро дид, ки даву тоз дошт. Вақте ки Бобо-Сафар ба ӯ наздик шуд, вай бо чашмони бозингараш ба ӯ нигоҳ карда, садо баровард: – Ав! Ав!



One day, Grandpa Safar saw a little, white puppy running around in the street. When Grandpa Safar came close to the puppy, the puppy looked at him with his playful eyes and made a noise: "Woof-woof!"

Бобо-Сафар ба ёд овард, ки набераааш Далерҷон ҷонваронро дӯст медорад.



Looking at the sweet puppy, Grandpa Safar remembered his grandchild Daler, who really loved pets.

Бобо-Сафар сагчаро гирифта, ба хона овард. Таги тути пир ҷой карду ба хона даромад.



Bobo Safar took the puppy and brought him home. He made a space under an old mulberry tree and went into the house.

Сагча рӯйи ҳавлӣ гурбачаеро дид, ки тан бар офтоб дода, дароз кашида, мехобид.



In the yard, the puppy saw a kitten sprawled out, sleeping in the warmth of the sun.

– Биё, бозӣ мекунем! – хурсандона таклиф кард сагча.



"Let's play!" – said the puppy happily to the kitten.

– Мияв! Мияв! Ман бо ту бозӣ намекунам! Афтатро бин, чӣ хел чиркинак!



"Meow! Meow! I will not play with you. Look at yourself, you’re covered in dirt!"

Мурғи чипору чӯҷаҳояш дар боғ дон мекофтанд. Сагча хост бо онҳо бозӣ кунад ва сӯйи онҳо давид.



A spotted hen and its chicks were looking for seeds in the garden. The puppy, wanted to play. He ran happily towards them.

– Қут-қут-қут! Чӯҷаякони озодаам, бо вай бозӣ накунед! Афташро бинед! Чиркинак!



"Cock-a-doodle-doo! My beautiful chicks don’t play with him! Look at him! He is covered in dirt!"

Сагча  аз гапи мурғи чипор ғамгин шуд:
– Барои чӣ онҳо намехоҳанд бо ман бозӣ кунанд?
Вай озурдаҳол дар таги тути пир нишаст.



The puppy became sad when he heard the spotted hen’s words:
– Why don't they want to play with me?
He sat down quietly under the old mulberry tree.

Бобо-Сафар аз дасти Далерҷон дошта назди сагча оварду гуфт:

– Далерҷон, бароят сагчаи фаххаку хушрӯяк овардам.



Grandpa Safar held Dalerjon's hand and brought his grandson to the puppy. He said: "Dalerjon, I brought this shaggy and handsome puppy for you!"

Далерҷон хурсандона сари сагчаро сила карду гуфт:
– Бобоҷон, биёед, сагчаро оббозӣ дорем!



Dalerjon patted the puppy's head excitedly and said:
"Thank you Grandpa! Let's give him a bath."

Баъди оббозӣ Далерҷону сагча бозикунон мерафтанд, ки гурбачаву мурғи чипорро диданд.

Сагча гуфт: – Ман акнун доим тозаю озода мегардам, чунки Бобо-Сафару Далерҷон ҳамроҳи ман ҳастанд!



After bathing the puppy and Daler began to play with him. They saw the kitten and the hen.

The puppy said: “Now, I'll always be clean and happy because I have Grandpa Safar and Dalerjon”.

Гурбачаю мурғи чипор хурсанд шуда, гуфтанд:
– Биё, бо ҳам бозӣ мекунем!
Минбаъд гурбачаю мурғи чипор ҳамеша бо сагча бозӣ мекарданд.



The kitten and the spotted hen were happy and said:
– “Let’s play together now!”
From then onwards, the kitten and the spotted hen and her chicks always played with the puppy.

## Саволҳо:

- Бобо-Сафар ба хона чӣ овард?
- Чаро гурбача ва мурғи чипор бо сагча бозӣ накарданд?
- Далерҷон чӣ кор кард?
- Чаро гурбача ва мурғи чипор сонӣ бо сагча бозӣ мекардагӣ шуданд.

## Questions:

- What did Grandpa Safar bring home?
- Why did the kitten and the chicken refuse to play with the puppy?
- What did Dalerjon do?
- Why did the kitten and the spotted chicken change their minds about playing with the puppy?

## Калонсолони гиромӣ!

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон дода, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додани кӯдак, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадеӣ нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

## Комёбу муваффақ бошед!